**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД**

| | |
|---|---|
| **"СОЗИШ КАРДА ШУД"** | **"ТАСДИҚ МЕКУНАМ"** |
| Вазорати таълими олӣ | Ректори Донишгоҳи |
| ва миёнаи махсуси | давлатии Самарқанд |
| Ўзбекистон: | проф. Р.И.Халмурадов |
| ______________ | ______________ |
| "__" _________ соли 2021 | "__" _________ соли 2021 |

# ДАСТУР ВА МЕЗОНИ БАҲОГУЗОРӢ

## БАРОИ ДОХИЛШАВИИ МУТАХАССИСИИ МАГИСТРАТУРА АЗ ФАНҲОИ МАХСУС

**5А120101-АДАБИЁТШИНОСӢ (АДАБИЁТИ ТОҶИК)**

**Самарқанд-2021**

## Аннотация

Дастур барои дохилшавандагони магистратура аз рӯи ихтисоси 5A120101 - Адабиётшиносӣ (адабиёти тоҷик), 5A120102 - Лингвистика (забони тоҷикӣ) дар асоси нақшаи таълимии соли хониши 2017/2018 аз рӯи равиши 5120100- филология ва омӯзиши забонҳо (забони тоҷикӣ) сохта шудааст.

**ТАРТИБДИҲАНДАГОН:**

Шерназаров А. – Муаллими кафедраи «Забон ва адабиёти тоҷик»-и ДДС, PhD.

Адашуллоева Г. – Муаллимаи кафедраи «Забон ва адабиёти тоҷик»-и ДДС, PhD.

Дастур дар шӯрои илмии факултети Филология 28-июни соли 2021 ва дар шӯрои илмии Донишгоҳи давлатии Самарқанд дар санаи 30-июни соли 2021 муҳокима гардида, тавсия дода шудааст.

## МУҚАДДИМА

Равиши таълими бакалаври 5120100 – Филология ва омӯзиши забонҳо (забони тоҷикӣ) соҳаи гуманитарӣ буда, маҷмӯи омӯзиши таърихи ташаккул, таҳаввул, давраҳои тараққиёт, хусусиятҳои ғоявӣ-бадеӣ, жанрӣ, робитаҳои адабӣ, ҳаёту эҷодиёт ва арзиши адабии осори симоҳои намоёни таърихи адабиёти тоҷик, назарияи адабиёт, забон ва мавқеи он дар ҷамъият, ба гурӯҳи забонҳои эронӣ мутааллиқ будани забони адабии ҳозираи тоҷик ва мақоми он, хусусиятҳои фонетикӣ, луғавӣ, морфологӣ, синтаксисии фанни забони адабии ҳозираи тоҷик, назарияи забон, таърихи забони тоҷикӣ ва давраҳои он, махсусиятҳои сарфию наҳвии забон, усул ва методҳои таълими забон ва адабиёти тоҷикро фаро мегирад.

Вазифаи ихтисосҳои дар замири равиши мазкур буда, барои чуқур гардонидани дониши талабаҳо оиди грамматикаи забони тоҷикӣ, таркиби луғавӣ, фонетика, фонди забон, фразеология, ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ ҷудо шудани калимаҳо ва сохти калимаҳои забони тоҷикӣ, вазифаи онҳо дар ҷумла, хелҳои ибора ва сохту созмони онҳо, ҷумлаҳои содда ва навъҳои онҳо, сараъзо ва аъзои пайрави ҷумла, аъзоҳои иловагии ҷумла, чумлаҳои мураккаб ва навъҳои онҳо, давраҳои ташаккули таърихи забон, масъалаҳои назарии забон, омӯзонидани заминаҳои пайдоиш, қонуниятҳои инкишофи афкори адабию бадеии халқи тоҷик, ошно намудани онҳо бо симоҳои намоёни адабӣ, баррасии алоқаю равобити адабии халқи тоҷик бо халқҳои дигар, таъйини шӯҳрати ҷаҳонӣ ва арзиши баланди маънавӣ – ахлоқии адабиёти мумтози тоҷик, қонунияти назарии адабиёти бадеӣ, танқиди адабӣ, методологияи адабиётшиносӣ бо истифодаи технологияҳои наву замонавӣ ба мутахассисони оянда дониши назарӣ, малака ва таҷриба ҳосил намудан аст.

Барои дохилшавдагони магистратура аз рӯи ихтисоси 5А120101- Адабиётшиносӣ (адабиёти тоҷик), 5А120102- Лингвистика (забони тоҷикӣ) магистратура дар асоси равиши 5120100 – Филология ва омӯзиши забонҳо (забони тоҷикӣ) дар асоси нақшаи таълимӣ аз рӯи 7 то фанни ихтисосӣ ва умумкасбӣ: “Забони адабии ҳозираи тоҷик”, “Назарияи забоншиносӣ”, “Таърихи забони тоҷикӣ”, “Адабиёти мумтоз ва бедории миллии тоҷик”, “Назарияи адабиётшиносӣ”, “Таърихи танқид ва адабиётшиносии тоҷик”, “Методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик” саволҳои тестӣ сохта шудааст. Маълумотҳое, ки фанҳои мазкурро дарбар мегирад дар поён ба таври васеъ оварда шудааст.

## Доир ба фанни ЗАБОНИ АДАБИИ ҲОЗИРАИ ТОҶИК:

Мавзӯи баҳси фонетика. Фонетика ва навъҳои он. Алоқамандӣ ва тафовути байни онҳо. Фонемаҳои забони тоҷикӣ. Аз чиҳати физикӣ, физиологӣ, забоншиносӣ ва эстетикӣ омӯхта шудани фонемаҳои забони тоҷикӣ. Садонокҳои забони тоҷикӣ ва таснифоти онҳо. Хусусияти овозҳои садоноки алоҳида. Таснифоти ҳамсадоҳои забони тоҷикӣ. Маълумот дар бораи лексикология ва навъҳои он. Хелҳои лексикология ва қисматҳои он: лексика, семасиология, этимология ва вазифаҳои он. Таҳлили лексикии калима, этимологияи халқӣ ва илмӣ. Тафовут ва хусусиятҳои асосии онҳо. Калима ва маънои он. Маънои лексикӣ ва грамматикии калимаҳо. Сермаъноии калимаҳо: маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳо, маънои умумиро ифода намудани калима, калима ва мафҳум, муносибат ва фарқи онҳо. Хусусиятҳои асосии онҳо. Омоним, синоним (муродиф)

ва антонимҳо. Роҳҳои пайдо шудани омоним, синоним ва антонимҳо дар забон. Таълимот дар бораи калима. Калима воҳиди асосии забон. Таркиби морфологии калимаҳо дар забони тоҷикӣ. Реша, асос, бандак, пешванд, пасванд. Сохти калимаҳо: содда, сохта, мураккаб ва таркибӣ. Ҳиссаҳои нутқ ҳамчун гурӯҳҳои лексикӣ-грамматикии калимаҳо. Тафовути байни ҳиссаҳои нутқ аз якдигар. Принсипҳои ба ҳиссаҳои нутқ ҷудо кардани калимаҳо. Таърихи тақсимоти ҳиссаҳои нутқ. Фикрҳои мухталифи олимон оиди тақсимоти ҳиссаҳои нутқ, категорияҳои грамматикӣ ва лексикӣ-грамматикии калимаҳо дар таснифи ҳиссаҳои нутқ. Хусусияти морфологӣ ва синтаксисии калимаҳо. Таснифи ҷумлаҳои содда аз ҷиҳати таркиб ва аз ҷиҳати маъно, мақсад ва интонатсия. Хели ҷумлаҳои содда аз ҷиҳати таркиб-яктаркиба ва дутаркиба. Намуди ҷумлаҳои содда аз ҷиҳати сараъзо ва аъзоҳои пайрав – хуллас ва тафсилӣ. Ҷумлаҳои соддаи пурра ва нопурра. Хусусияти асосӣ ва тафриқаи байни онҳо. Вазифа ва аҳамияти ҷумлаҳои содда. Таснифоти ҷумлаҳои содда аз ҷиҳати талаффуз ва оҳангнокӣ. Ҷумлаҳои соддаи ҳикоягӣ ва хусусиятҳои он. Ҷумлаҳои соддаи саволӣ ва хелҳои он: водоркунӣ, риторикӣ ва хосса. Ҷумлаи мураккаб воҳиди олиташаккули синтаксис. Тарзи ташкили ҷумлаҳои мураккаб. Вазифаи онҳо дар забон. Навъҳои чумлаҳои мураккаб. Чумлаҳои мураккаби пайваст ва хелҳои он – автосемантикӣ ва синсемантикӣ. Хусусияти автосемантикии ҷумлаҳои мураккаби пайваст. Аломатҳои сохтории ҷумлаҳои мураккаби пайвасти синсемантикӣ. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти кушода ва баста. Махсусияти асосии онҳо.

## Доир ба фанни НАЗАРИЯИ ЗАБОНШИНОСӢ:

Аҳамияти омӯзиши фанни «Назарияи забоншиносй». Вазифа ва махсусияти асосии он. Алоқаи фанни мазкур бо фанҳои дигар. Моҳияти асосии онҳо. Ташаккул ва инкишофи илми забоншиносй. Забон ва аломатнокии он. Муносибати забон ба тафаккур, ҷамъият, маданият ва таърих. Умумияти забонҳо. Муайян намудани ҳудуди илми забоншиносй. Ҷиҳати универсиалии забонҳо. Муносибат ва алоқамандии забон ва нутқу тафаккур. Тафриқаи байни онҳо. Забон ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ. Таъсири забон ба ҷамъият ва ҷамъият ба забон. Ақидаи Соссюр дар хусуси муносибати забону нутқ. Хусусияти ҷамъиятии забон. Хусусияти аломатнокии забон. Маълумот дар бораи лексикология. Калима ҳамчун предмети лексикология. Моҳият ва вазифаи асосии лексикология. Маънои калима. Махсусияти асосии калима. Тафовут ва алоқамандии лексикология бо дигар соҳаҳои забон. Калима чун предмети лексикология, гурӯҳи калимаҳо дар забон. Калима ва типҳои гуногуни он. Маҷоз, навъҳои маҷоз, киноя, ташбеҳ, истиора, ташхис, идиома, полисемия, табу ва эвфемизм. Этимология ва этимологияи халқӣ, матн ва эллипсис. Истилоҳот, омонимҳо, синонимҳо, антонимҳо. Истилоҳот ва мавқеи он дар забон. Вазифа ва аҳамияти асосии терминология. Махсусияти ба худ хоси истилоҳот. Истилоҳот, омонимҳо, синонимҳо, антонимҳо. Вазифа ва хусусиятҳои асосии онҳо. Таркиби луғавии забон ва моҳияти асосии он. Фонди асосии луғавӣ ва аҳамияти он. Тафовути фонди асосии луғавӣ ва таркиби луғавии забон. Аломату хусусиятҳои ба худ хоси онҳо. Маълумот дар бораи фонетика. Фонетика ҳамчун як соҳаи забоншиносӣ. Махсусияти овозии забон. Аҳамияти омӯзиши он. Вазифа ва моҳияти асосии он.

Муносибат ва тафовути фонетика бо дигар соҳаҳои забон. Дастгоҳи нутқ ва роли он дар пайдоиши овозҳо. Вазифаи асосии органҳои нутқ. Органҳои нутқ ва пайдоиши овозҳо. Аҳамият ва мавқеи органҳои нутқ дар пайдоиши овозҳо. Моҳияти асосии морфология. Ҳиссаҳои нутқ. Вазифа ва аҳамияти асосии онҳо. Алоқа ва тафовути морфология бо дигар соҳаҳои забон. Хусусиятҳои ба худ хоси онҳо. Морфология чузъи асосии грамматика. Тарзҳои ифодаи нишонаҳои грамматикии ҳиссаҳои нутқ. Фикр дар нутқ. Маълумот дар бораи лексикография. Вазифа ва моҳияти асосии он. Таркиби луғавии забон ва фонди асосии луғавӣ. Муносибат ва тафриқаи байни онҳо. Махсусияти асосии онҳо. Лексикографияи забони тоҷикӣ-форсӣ дар асри X. Маълумот оиди фразеология. Фразеология ва аҳамияти он. Воҳидҳои фразеологӣ ва вазифаи асосии онҳо. Хусусиятҳои ба худ хоси он. Муносибат ва фарқи он аз дигар воҳидҳои забон. Фразеологияи умумӣ. Фразеологияи тарихӣ. Фразеологияи муқоисавӣ. Фразеологияи тасвирӣ ёки синхронӣ. Воҳидҳои синтаксисии забон.

**Доир ба ТАЪРИХИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ:**

Мавзӯи баҳси таърихи забон ва ахамияти он. Мақсад ва вазифаи фанни мазкур. Алоқаи забон бо ҷамъият. Тараққиёти чамъият ва ривочи забон. Инкишофи забон. Алоқамандӣ ва иртиботи таърихи забон бо илмҳои таърих, археология, этнография, полеонтология ва таърихи адабиёт. Омӯзиши забони осори боқимондаи забонҳои қадима маводи таърихи халқи гузашта ва имрӯз. Мавқеъ ва нақши методи муқоисавӣ-таърихӣ дар омӯзишу баррасии таърихи забон. Пайдоиши давлатхо ва ривочу равнақи забони он. Давлати Мод (дар миёнаҳои асри IV пеш аз мелод). Давлати Ҳохоманишиҳо. Осори боқимондаи давраи қадима. Мавқеи Катибаи Бесутун ва китоби Авесто дар омӯзиши таърихи забон. Истилои Искандари Мақдунӣ ва нест карда шудани осори хаттии гузаштагон. Давлати Сосониён (224-651 пеш аз милод). Сарчашмаҳои хаттии забони портӣ ва забони порсии миёна. Оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ. Наздикии забонҳои оилаи ҳиндуаврупоӣ. Шарҳи гурӯҳҳои алоҳидаи оилаи забонҳои ҳиндуаврупой. Фонетикаи ҳиндуаврупой. Садонокҳо, ҳамсадоҳо ва сонантҳо. Назарияи шаҷара ва мавҷ дар муайян намудани забони мабдаъ(нахустзабон). Ҳиссаҳои номии нутқ дар забони ҳиндуаврупоӣ. Категорияҳои грамматикии Ҳиссаҳои номии нутқ. Системаи падежҳои ҳиндуаврупоӣ. Муқоисаи падежҳо бо забони ғайри ҳиндуаврупой. Шаклҳои гуногуни системаи феъл. Омил ва меъёрҳои асосии ба давраҳои инкишоф ҷудо намудани забонҳои эронӣ: а) аҳди бостон ё худ давраи қадим (аз қадим то асрҳои IV – III.п.а.м). б) давраи миёна (асрҳои IV-III п.а.м - асрҳои VII-VIII мелодӣ). в) давраи нав аз асрҳои VIII-IX мелодӣ то рӯзҳои мо. Забонҳои эронии аҳди бостон: забони порсии қадим, забони авестой, забони модӣ, забони скифии сарматӣ. Маълумоти мухтасари таърихӣ, этникӣ ва забонӣ оид ба қавмҳои мазкур. Маҳалли пайдоиш ва густаришу интишори забони порсии қадим. Ёдгориҳои хаттии забони мазкур. Катибаи Дорои I (522-486п.а.м)-матни Багистон (Бесутун), Нақши Рустам, катибаҳои Ариярамна ва Аршома, Куруши кабир, катибаҳои Персеполис, Хуз. Таърихи омӯзиши забони порсии қадим. Саҳми олимону сайёхони аврупой – Шарден, Корстен Нибур, О.Тисхен, Г.Гротефенд, дар омӯзишу кашфи асрори хати мехӣ(фонавӣ). Аҳамияти таърихии ёдгориҳои хаттии забони порсии қадим дар омӯзишу тадқиқи забон, таърих ва чуғрофияи мардуми эрониначод. Маълумоти умумӣ дар бораи

мавқеи чуғрофӣ, аҳволи таърихӣ, осори хаттӣ ва хусусиятҳои забонии қавмҳои эронӣ ва забонҳои эронии давраи миёна: забони суғдӣ, форсии миёна, бохтарӣ, парфиянӣ, сакӣ-хӯтанӣ, хоразмӣ, фарғонӣ, аланӣ. Забони форсии (тоҷикии) миёна – давоми бевоситаи забони порсии қадим. Истилои Искандари Мақдунӣ ва аз байн рафтани давлати Ҳохоманишиён. Маҳали пайдоиш, густариш ва интишори забони порсии миёна. Сарчашмаҳои хаттй ва катибаҳои муҳимтарини забони порсии миёна: Асарҳои мазмуни динӣ ва шаръидошта; Андарзу пандномаҳо; Осори дорои мазмунҳои адабӣ, ҳуқуқӣ ва таърихиву ҷуғрофидошта. Маълумоти мухтасар роҷеъ ба забонҳои ин давра. Таснифоти диалектологии онҳо: гурӯҳи ғарбӣ: тоҷикӣ, форсӣ, дарӣ, тотӣ, толишӣ, курдӣ, лурӣ, гелонӣ, мозандаронӣ, балуҷӣ, ормурӣ, порочӣ; гурӯҳи шарқй: пашту (афгонй), осетинй, яғнобй; гурӯҳи забонҳои помирй. Забонҳои зиндаи дорои хат ва бехат. Забони давлатй ва миллй будани қисме аз онҳо ва аз ин «неъмат» маҳрум будани қисми дигар. Шароитҳои таърихии шаклгирии забони дарй.Ривоҷу равнақ ва мавқеи забони дарй дар давраи Сомониён. Васеъ гардидани доираи истеъмоли он. Ба дараҷаи забони давлатӣ расидани забони дарӣ. Ташаккули забони дарӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон. Ба камоли авч расидани забони дарй дар давраи Сомониён. Сабаби унсурҳои забонҳои гуногунро иқтибос намудани забони дарӣ. Намунаҳои фарҳангии забони дарӣ. Мутобиқати сохти морфологии забони дарй бо сохти морфологии забони адабии ҳозираи тоҷик. Маълумот дар бораи ҳиссаҳои номии нутқ. Синтаксиси забони дарӣ.

## Доир ба АДАБИЁТИ МУМТОЗ ВА БЕДОРИИ МИЛЛИИ ТОҶИК:

Истиқлоли миллии Ўзбекистон ва зарурияти ба тарзи нав омӯхтани таърихи адабиёти тоҷик. Адабиёти давраи қадим ҳамчун маҳсули эҷоди бадеии мардуми эронинажод. Асотир, суруд, ривоят ва достонҳо ҳамчун намунаи қадимаи осори адабӣ. Асотири Митра ва Анаҳита, Каюмарс, Ҷамшед ва аҳамияти онҳо дар шароити истиқлолияти миллӣ. Ривоят ва достонҳо оиди Сиёвуш, Рустам, Тӯмариса, Шерак ва аҳамияти онҳо дар тарбияи ҳисси ватанпарварии ҷавонон. Маълумот дар бораи пайдоиши хат ва намудҳои он. Ҳаёти иҷтимоӣ ва мадании давраи Ашкониён. Болоравии ҳаёти адабӣ. Ёдгориҳои адабии давраи Ашкониён. Достонҳои «Дарахти ассурӣ» ва «Ёдгори Зарирон». Таърихи ба майдон омадан ва нашъунамо ёфтани давлати сосонӣ. Тараққиёти илму фан, санъат ва маданият. Борбад ва фаъолияти ромишгарии ӯ. Ҳолати забон ва адабиёт дар давраи истило. Ташкили давлатҳои Тоҳириён ва Саффориён. Ба саҳни таърих омадани сулолаи Сомониён ва бунёди давлати мутамаркази соҳибистиқлол. Аҳамияти ин давлат дар пешрафти ҳаёти ҷамъиятӣ, илмӣ ва маданӣ. Ривоҷи улуми динӣ ва вакилони он. Тараққиёти улуми дунявӣ. Оғози шеъри тоҷикии форсӣ. Абулянбағии Самарқандӣ ва Аббоси Марвазӣ - аввалин шоирони форсигӯӣ. Шоирони дигари давр. Ташаккули адабиёти мумтоз. Доираҳои адабии давр. Бухоро ҳамчун маркази асосии адабӣ. Марказҳои дигари адабӣ. Мавзӯъ ва ғояҳои асосии адабиёти асри Х. Хусусиятҳои жанрии адабиёти асри Х. Ҳолати сиёсию ҷамъиятӣ ва маданию адабии давр. Таъсири сиёсати давлатии Султон Маҳмуд ба адабиёт. Устувории анъанаҳои адабиёти асри Х. Мавзӯъ, мундариҷаи ғоявӣ, хусусиятҳои жанрӣ ва услубии адабиёти ин давр. Хусусиятҳои асосии адабиёти дарборӣ. Қасида ҳамчун жанри асосии адабиёти дарборӣ. Мавқеи тағаззул дар қасидаҳои ин давр.

Мавзўъҳои ишқӣ ва тасвири табиат дар ташбиби қасида. Ҳолати қитъа, рубоӣ, маснавӣ ва ғазал дар ин давр. Достонҳои лирикию эпикӣ ва эпикии таърихӣ. Сабку услуби назми дарборӣ.Таъсири афкори исмоилия, сўфия ва риндӣ ба адабиёт. Доираи мавзўъ, мандаричаи ғоявӣ, хусусиятҳои жанрӣ ва услубии адабиёти ин давр. Вакилони намоёни адабиёти нимаи дуюми асри Х1 ва асри XII: Анварии Абевардӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Усмон Мухтори Ғазнавӣ, Хоқонии Шервонӣ ва ғ. Инкишофи наср дар асрҳои Х1-ХП ва навъҳои он. Насри адабӣ-бадеӣ ва намунаҳои он. «Қобуснома»-и Унсурмулмаолии Кайковус ва мундаричаи он. Тарғиби ахлоқи ҳамидаи инсонӣ дар асар. Аҳамияти маърифатӣ ва бадеии «Қобуснома». Забон ва услуби «Қобуснома». Заҳирии Самарқандӣ ва осори насрии ҳ. Адабиёти давраи истилои муғул. Ривоҷи адабиёт дар муҳити шаҳр ва мазмунану шаклан ғанӣ гардидани он. Мақоми асосӣ пайдо кардани жанри ғазал. Ривоҷи маснавиҳои ахлоқӣ. Болоравии таъсири тасаввуф. Берун аз Мовароуннаҳру Хуросон дар шаҳрҳои ҷудогонаи Эрон, Туркияи шарқӣ ва шимоли Ҳиндустон ташкил ёфтани муҳити илмӣ ва адабӣ. Равнақи илмҳои ақлӣ-фалсафа, табиатшиносӣ ва риёзӣ. Бунёди расадхонаи Мароға ва муҳити илмии он. Ҳаёти адабӣ, инқирози адабиёти дарбор ва қасидасароӣ. Ривоҷи адабиёт берун аз дарбор. Мазмунан ва шаклан ғанй гардидани адабиёт дар муҳити берун аз дарбор. Зуҳури Амир Темур ва парокандагии сиёсии Мовароуннаҳрро хотима дода, давлати бузурги муттамарказро ба вуҷуд овардани ў. Оромӣ ва тараққии ҳарҷонибаи Мовароуннаҳр дар аҳди Улуғбек ва Хуросон дар аҳди Шоҳрух. Вазорати Алишер Навоӣ ва ислоҳоти ў дар умури давлатӣ. Шароити мусоид ба вуҷуд овардани давлати мутамаркази темурӣ барои ривоҷи фарҳанг, илм ва адабиёт. Самарқанд ва Ҳирот чун марказҳои бузурги фарҳангию илмӣ ва адабии Мовароуннаҳр ва Хуросон. Нақши Улуғбек дар Ривоҷи илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқ. Ривоҷи бесобиқаи анвои санъатҳо: хаттотӣ, рассомӣ, мусиқӣ ва ғайра. Камолиддин Беҳзод – асосгузори мактаби бузурги санъати наққошӣ. Намояндагони барҷастаи адабиёти давр. Зуллисонайнӣ дар адабиёт. Дўстӣ ва ҳамкории эҷодии Ҷомӣ ва Навоӣ. Ривоҷи назира ва татаббўъот. Ривоҷи насри бадеӣ ва барҷастатарин асарҳои он. Ривоҷи адабиётшиносӣ. Тазкираҳои Навоӣ ва Давлатшоҳ. Ривочи назирасароӣ дар адабиёт. Достонсароӣ ба тариқи назира ба “Хамса”-ҳои Низомӣ ва Амир Хусрав. Шўҳрати Ҷомӣ ва Навоӣ дар жанри достон. Ривоҷи жанри муаммо. Ривоҷи пайравӣ ва татаббўъ ба ғазалҳои Ҳофиз. Инкишофи наср. Асарҳои мансури бадеӣ- ахлоқӣ: “Баҳористон”-и Ҷомӣ, “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, “Ҳусну Дил” ва “Шабистони хаёл”-и Фаттоҳии Нишопурӣ. Дар риштаҳои назария, санъати шеър ва таърихи адабиёт тараққӣ кардани адабиётшиносӣ. Сарчашмаҳои адабиёти асри мазкур дар Ҳирот, баъзе манотиқи Хуросон, Мовароуннаҳр-шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ва водии Фарғона арзи андом кардани адабиёти тоҷик. Хусусиятҳои ба худ хос ва аз ҳамдигар фарққунандаи марказҳои адабиёти тоҷик (Ҳирот, Самарқанд, Бухоро). Истифодаи жанрҳои маъмулии назму наср. Тамоилҳо. Муносибат ба адабиёти давраҳои пешина ва саромадони сухан. Забт гардидани Осиёи Марказӣ аз чониби Россияи подшоҳӣ ва оқибатҳои он. Дигаргуниҳои сиёсй - ичтимой, иқтисодй ва илмй -мадании Туркистон ва аморати Бухоро. Таъсири воқеаҳои сиёсию чамиятй ба ҳаёти мадании Осиёи Марказй ва ба манфиатҳои ҳукуматдорони рус нигаронида шудани он. Баҳробардории зиёиёни пешқадами мардуми маҳаллй аз

навгониҳои илму фанни аврупой. Ташаккули афкори нави ҷамъиятӣ ва таъсири он ба ҳаёти адабӣ. Ба майдон омадани адабиёти маорифпарварӣ ва вакилони он. Сафарҳо ба Аврупо ва мамлакатҳои Шарқи мусулмонӣ ва таъсири он ба чаҳонбинии мардони хирад. Сафарҳои Аҳмади Дониш ба Петербург, Возеҳ, ва Мирзо Сироҷ ба мамлакатҳои мутараққии Шарқи хориҷӣ ва ба майдон омадани афкори нави ҷамъиятӣ. Ташаккули адабиёти маорифпарварй ва хусусиятҳои он. Вакилони адабиёти маорифпарварӣ. Маорифпарварӣ ҳамчун ҷараёни иҷтимоӣ ва адабӣ. Ғоя ва маслаки асосии вакилони адабиёти маорифпарварӣ.

**Доир ба фанни НАЗАРИЯИ АДАБИЁТШИНОСӢ:**

Мафҳуми фалсафии истилоҳоти мазмун ва шакл, бартарии мазмун бар шакл. Мазмуни адабиёт – ҳаёти воқеӣ, ҳаёти ҷамъиятӣ ва асосан характерҳои одамон, ки дар партави ғояҳои муайян тасвир шудааст. Инсон – предмети асосии тасвири адабиёти бадеӣ. Табиати эстетикии адабиёт ва санъат. Адабиёт ва идеали санъаткор. Вазифаи маърифатбахшӣ ва тарбиявии адабиёт. Шакл – сохти ташкилии асари бадеӣ. Унсурҳои шакл – забон, услуб, образ, ҷинс, метод, жанр, санъату воситаҳои тасвири бадеӣ. Шакл ифодагари мазмун, ягонагии онҳо. Характери диалектикӣ доштани вобастагии онҳо – қонуни адабиёту санъат. Типикунонй ва типи адабй. Рол ва аҳамияти онҳо. Тавассути типҳо зуҳур кардани қонунияти ҳаёт дар адабиёти бадей. Ҷамъбасти бадей – усули асосии типсозй. Прототип ва роли он дар офаридани образҳои типй. Тахайюли бадей ва ҷаҳонбинии нависанда. Вазъиятҳои типй ва характерҳои типй. Мавзӯи асари бадеӣ. Мавзӯъ – воситаи муҳими бо ҳақиқат пайвастани мазмуну силсилаи воқеаҳои зиндагй ва образҳои одамон. Роли чаҳонбинии нависанда дар интихоб ва ҳалли мавзӯъ. Ғоя – дили асари бадей. Ғояи асари бадей ва роҳҳои таҷассуми он. Моҳияти ғоя. Ғояи асар ва чаҳонбинии нависанда. Ғояи мусбат. Ғояи манфӣ. Адабиёти бадеӣ – тарзи тасвири образноки ҳаёти воқеӣ. Мафҳумҳои образ ва образнокӣ. Таърифи образ. Конкретонидан ва умумият додан – шарти образи бадеӣ. Воқеият – заминаи образи бадей. Роли тахайюл дар офариниши образ. Андешаҳои Ибни Сино дар бораи тахайюл ва аҳамияти он. Арзишҳои образ. Таносуби ҳақиқати воқей ва ҳақиқати бадей дар инъикоси образ ва умуман адабиёт. Роҳҳои эчоди образ ва характери гуногуни он дар жанрҳои адабй. Персонаж, характер, тип, қаҳрамон. Сужет ва устухонбандӣ – воситаҳои асосии ягонагии асари бадей. Таърифи сужет. Сужет ва воқеа. Воқеа ва зиддият. Таносуби сужет ва зиддият. Унсурҳои асосии сюжет: экспозитсия, гиреҳбанд, рабт, нуқтаи олй, гиреҳкушо. Унсурҳои иловагии сужет – эпилог ва пролог.Таърифи устухонбандй. Роли он дар кори мантиқан чо ба чо гузоштани қисмҳои чудогонаи асар ва ба ҳам муттаҳид кардани воқеаю ҳодисаҳо. Мафҳуми забони адабиёти бадеӣ. Забон – асос ва лавозимоти ҳатмии адабиёти бадеӣ. Забони гуфтугӯӣ, забони адабӣ ва фарқи онҳо. Назар ба онҳо васеъ будани забони адабиёти бадеӣ. Ба образ, характер, воқеа, мавзӯъ, ҷинс, жанр, метод, завқи эстетикии адиб ва дарачаи инкишофи ҳаёти ичтимой вобаста будани забони адабиёти бадей. Ду роҳи истифодаи забон дар адабиёти бадей: сухани тафсилии нависанда ва сухани персонаж. Хусусиятҳои ба худ хоси онҳо. Роли нависанда

дар инкишоф ва такомули забони адабӣ. Восита ва тарзҳои баён: муродиф, тачнис, тазод. Роли онҳо дар адабиёти бадей. Унсурҳои лексикии забон. Воситаҳои тасвири бадей. Мафҳумҳои шеър, назм ва наср. Таърифи шеър. Системаи сохти шеърӣ: мисраъ, байт, банд. Қофия. Аҳамияти он дар системаи маъно. Вазифаи қофия дар низоми сухан. Зулқофиятайн. Радиф. Аҳамияти фавқуллода бузурги он дар таъкиди мафҳуми марказии сухан, матлаби асосии гӯянда, низому оҳанги шеър. Вазни шеър. Таърифи вазн ва навъҳои он. Навъҳои вазни шеъри форсу тоҷик. Қонунияти шеъри ҳичой. Вазни арӯз, таърихи пайдоиш ва тараққиёти он. Мавқеи сифат, миқдори ҳичо дар шеъри арӯзӣ. Кайфияти ташкили рукнҳо ва баҳрҳо дар арӯз. Зиҳофҳо дар арӯз. Шеършиносони тоҷик дар хусуси боб, таркиб, баҳр, рукн ва қоидаҳои арӯз. Масъалаи арӯзи классикӣ ва минбаъд кашф гардидани имкониятҳои нави арӯз. Ҷиддию муҳим будани масъала дар системаи афкори адабӣ-назарӣ. Аз таърихи омӯзиши масъала. Назарияҳои мухталифи таснифоти адабиёти бадей ба чинсҳои адабӣ. Хусусияту аломатҳои эчоди бадей (аз қабили воқеа, амалиёт, образ, характер, сужет, зиддият, манзара, забон ва ҳоказо) асоси меъёри таснифот. Қонунияти дохилии адабиёти бадей будани он. Аз рӯи қонунияти дохилии худ ҳамагӣ ба се чинс тақсим шудани адабиёти бадей: 1.Ҷинси хамоса (эпикӣ), 2. Чинси драмавӣ, 3. Ҷинси ғиноӣ (лирика). Омезиши чинсҳо ва жанрҳои гуногуни адабӣ дар дохили як асари бадеӣ. Қонуният ва махсусиятҳои ин ҷинс. Қаҳрамону воқеа – нуқтаи марказии ин қонуният. Таҳкия дар ҳамоса. Объективият ва субъективият, забон, масъалаи ягонагию яклухтӣ дар ин ҷинс. Жанрҳои хамосавӣ. Чинси драма ва жанрҳои он. Қонуният ва хусусиятҳои ҷинси драма. Саҳнавияти драма ва махсусиятҳои он. Масъалаҳои амалу воқеа, сужету зиддият, образу характер, замону макон, забон ва ғайра дар ин чинс. Се жанри анъанавии драма: фочиа, мазҳака, дром. Жанрҳои нисбатан нав (мелодрама, либретто, водевил ва ғ.). Ҷинси лирика ва жанрҳои он. Махсусияти ин ҷинс дар предмети тасвир, воситаҳои баён, забону услуб, образ, ғоя ва амсоли инҳо. Қаҳрамони лирикӣ ва шахсияти шоир. Характер дар лирика. Мавқеи лирика дар олами эстетикии ҳар як халқ. Лирика ва навъҳои он: 1.Лирикаи андешапарварии (медитативии) холис; 2.Лирикаи андешапарварии (медитативии) тасвирӣ; 3. Лирикаи тасвирӣ. Жанрҳои лирикии тоҷик: фард, рубоӣ, дубайтӣ, қитъа, ғазал, қасида, маснавӣ, тарҷеот, мусамматҳо, мустазод.

**Доир ба фанни ТАЪРИХИ ТАНҚИД ВА АДАБИЁТШИНОСИИ ТОҶИК:**

Адабиётшиносӣ ва қисмҳои асосии он: назарияи адабиёт, таърихи адабиёт, танқиди адабӣ. Мавзӯи баҳси нақди адабӣ. Аз таърихи нақди адабии форсу тоҷик. Нақди адабӣ ва меъёрҳои шинохти арзиши асари бадей. Қисмњои ёридиҳандаи адабиётшиносӣ: матншиносӣ, таърихнигорӣ, китобшиносӣ. Адабиётшиносии мумтоз ва мавқеи он дар таърихи адабиёти мумтоз; чор шакли асосии ифодаи адабиётшиносии мумтоз; афкори назарӣ-фалсафии ҳакимони файласуф оид ба адабиёт, асарҳои ба истилоҳи илми бадеъ доир ба адабиёт ва афкори адабӣ-танқидии суханварони чудогона дар зимни асарҳои бадеии онҳо. Мақоми асарҳои илми бадеъ дар таърихи танқид ва адабиётшиносии мумтоз. Принсипҳои асосии афкори адабӣ-интиқодии юнониён. Афлотун ва афкори назарӣ-интиқодии ӯ. Арасту ва мавқеи ӯ дар инкишофи афкори адабӣ-интиқодӣ. Афлотун ва

“Поэтика”-и ў. Шаклгирии илми накд дар Юнони қадим. Нақди шеър аз назари файласуфони Юнон. Шарҳу эзоҳи “Поэтика”-и Арасту аз ҷониби Ибни Сино, Фаробӣ, Насриддин Тусӣ ва муносибати он бо назарияи тақлид. Марҳалаҳои инкишофи накд ва адабиётшиносӣ. Пайдоиш ва ташаккули афкори адабӣ-интиқодии то давраи ислом. Ташаккули афкори адабӣ-интиқодии баъд аз ислом. Воситаҳои асосии ифодаи афкори адабиётшиносӣ ва танқиди адабӣ дар давраи асри миёнагӣ. Равишҳои накди адабии ин давра. Аввалин асарҳои назарӣ оид ба шеър ва эчоди бадей. Муҳимтарин хусусият, қонуният ва арзишҳои афкори адабӣ-танқидии асрҳои IX ва авали асри XIX. Муаммоҳои асосии илми накд ва адабиётшиносӣ дар ин давра. Ҷанбаи назарӣ ва амалии адабиётшинсии тоҷик дар ин марҳила ва моҳияти он. Нақди завқӣ, нақди шуаро. Афкори назарию адабӣ ва танқидию илмии Рӯдакӣ, Сино, Форобӣ, Берунӣ, Фирдавсӣ, Асадии Тӯсӣ, Шамс Қайс, Родуёнӣ, Ватвот ва арзиши илмии онҳо. “Тарҷумон ул балоға”, “Ҳадоиқ-ус-сеҳр”, “Чаҳор мақола”, “Ал мӯъҷам” ва мазмуну мундариҷаи онҳо. Таърифи шеър аз назари Ибни Сино, Фаробӣ, Насриддин Тусӣ ва муносибати он бо назарияи тақлид ба воқеияти Арасту дар «Поэтика»-и ў. Фарқи куллии таърифи фалсафии шеър аз таърифи шеършиносони асри миёнагӣ (Муаллифони китобҳои оид ба илми бадеъ). Назарияи тахайюли бадей ва таърифи «шеър-каломи мухайял» дар афкори файласуфони номбурда.

### Доир ба фанни МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

Мақсад ва вазифаҳои фанни «Методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик». Объекти фанни методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик. Предмети фанни методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик. Вазифа ва моҳияти методикаи таълими забон. Тарзи тадбиқи дарсҳои забони модарӣ дар ҷараёни таълим. Ҷараёни таълим ва таълими адабиёти тоҷик. Зарурати омӯзиши забон ва адабиёти тоҷик ҳамчун фан ва мавқеи он дар системаи фанҳои таълимӣ. Моҳияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавии таълими забони модарӣ дар мактаб. Моделҳои асосии таълими дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик. Дарсҳои анъанавӣ ва ноанъанавии забон ва адабиёти тоҷик. Модели анъанавии дарси забон ва адабиёти тоҷик. Сохт ва структураи дарсҳои анъанавии забон ва адабиёти тоҷик. Методҳои анъанавии таълими забон ва адабиёти тоҷик. Методҳои маърӯза, сӯҳбат, мушоҳида, муҳокима дар таълими забон ва адабиёти тоҷик ва тарзи тадбиқи он дар амал. Мафҳуми методҳои асосии забони модарӣ ва адабиёт. Моделҳои ноанъанавии таълими забони модарӣ ва адабиёти тоҷик. Моделҳои асосии дарсҳои ноанъанавӣ аз фанни забон ва адабиёти тоҷик: дарси ҳамҷоя ва ҳамкорӣ, дарси моделизацияшуда, дарси тадқиқотӣ. Таснифи методҳои таълимии дарсҳои ноанъанавӣ. Методҳои намоишдиҳӣ, методи баёни муаммоӣ, методи ҷустуҷӯӣ, аз нав ба хотирорӣ ва тадқиқотӣ. Тарзи таълими қисмати фонетика ва моҳияти он. Тарзи таълими курси «Фонетика» ва принсипҳои асосии он. Моҳияти таълими курси «Фонетика» дар мактабҳои миёна. Принсипҳои асосии таълими курси «Фонетика» дар синфҳои поёнӣ (У-У11) ва таркиби овозии он ва роҳҳои дурусти таълими он дар мактаб. Тарзи таҳлили фонетикӣ ва тадбиқи он дар синфҳои поёнӣ. Принсипҳои асосии таҳлили фонетикӣ. Морфология ва тарзи таълими он дар мактаб. Арзи таълими курси морфология дар илми забоншиносӣ ва мақсаду

моҳияти он. Тарзи таълими таркиби калима (реша, асос, бандак, суффикс ва префикс) аз фанни забони модарӣ. Сохти калимаҳо ва принсипҳои асосии таълими он дар мактаб. Ҳиссаҳои нутқ ва тарзҳои таълими он дар мактаб аз фанни забони модарӣ. Тарзи таълим ва роҳҳои махсуси омӯзиши ҳиссаҳои номӣ ва ёридиҳандаи нутқ. Тарзи таълими курси синтаксис аз фанни забони тоҷикӣ дар мактаб. Тарзи таълими ҷумлаҳои мураккаб (ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ) аз фанни забони модарӣ. Тарзи таҳлили синтаксисӣ ва роҳҳои тадбиқи он аз фанни забони модарӣ.Тарзи таълим иборава навъҳои он. Тарзи таълими ҷумлаҳои содда ва таҳлили грамматикии онҳо. Тарзи таълими ҷумлаҳои мураккаб ва навъҳои он. Тарзи таҳлили ҷумлаҳои мураккаб. Тарз ва усулҳои таҳлили асари бадеӣ дар мактаб. Омилҳои асосии таълими асарҳои бадеӣ. Тарзи омӯзиши таркиби асари бадеӣ. Хониши асари бадеӣ ва таҳлили он дар мактаб. Таҳлили асарҳои бадеӣ дар гузашта. Принсипҳои асосии омӯзиши асарҳои бадеӣ. Татбиқи принсипҳои таърихият, ягонагии мазмун ва шакли асар, принтсипҳои марифатӣ - тарбиявӣ, муқоисавӣ ва ба ҳисоб гирифтани робитаҳои адабӣ дар таҳлили асари бадеӣ. Ташаккули шахсияти хонанда ҳангоми таҳлили асари бадеӣ. Усулҳои омӯзиши асар дар мактаб (индуктсия ва дедуктсия) Методи сӯҳбат, маърӯза, нақл, тадқиқот, муқоиса дар таҳлили асари бадеӣ. Таълими асар аз рӯи образҳо, сюжет, мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявӣ.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ


1. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои Х11-Х1У. -Душанбе: Дониш, 1983.
2. Асозода Х. Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ. -Душанбе: Маориф, 1999.
3. Абдуллоев А. Адабиёти форс-тоҷик дар нимаи аввали асри Х1. – Душанбе: Дониш, 1979.
4. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои Х11-Х1У. Қисми якум. – Душанбе: Дониш, 1976.
5. Абдуллоев А., Саъдиев С. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри Х1 ва асри Х11. – Душанбе: Ирфон, 1986.
6. Бозидов Н. Пайвандакҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик.- Душанбе, Ирфон, 1978
7. Воҳидов А. Аз таърихи луғатшависии тоҷику форс. – Самарканд, 1980.
8. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 1. -Душанбе, 1985.
9. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, қисми 2. – Душанбе: Дониш, 1985.
10. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик кисми 3. – Душанбе: Дониш, 1989.
11. Забони адабии ҳоизари тоҷик қисми 1. -Душанбе, 1973.
12. Забони адабии ҳозираи тоҷик, қисми 2. Синтаксис.-Душанбе, 1984.
13. Р.Ҳодизода, У.Каримов, С.Саъдиев. Адабиёти тоҷик. Асрҳои ХYI-XIX ва ибтидои асри ХХ. (Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ) Душанбе: Маориф, 1988.
14. Бертельс Е.Э. История литературы и культуры Ирана. Избранные труды.- Москва, 1988.
15. Истории персидской и таджикской литературы. Под редакцией Яна Рипка. - Москва, 1970.

16.Бертельс Е.Э. История персидско-таджикской литературы. – М.: ИВЛ, 1960.
17.Бертельс Е.Э. Суфизм и суфийская литература. – М,: Наука, 1965.
18.Воҳидов А. Навъҳои фарҳанг. - Самарқанд, 2000.
19.Воҳидов А. Фарҳангнигории тоҷику форс. – Самарқанд, 2006.
20.Зикриёев Ф. Стркутурно – семантические особености таджикского паратаксис, -Душанбе: Дониш, 1985.
21.Зоҳидов А. Матни маърӯза – Самарқанд: СамДУ, 2000
22.Исматуллоева М. Очеркҳои грамматикӣ оид ба ҳолшарҳкунандаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик, қисми 1. –Душанбе: Ирфон, 1971.
23.Исматуллоев М. Пуркунандаи бевосита дар забони адабии ҳозираи тоҷик. –Душанбе, 1991.
24.Камолиддинов Б. Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён. -Душанбе: Маориф, 1985.
25.Қосимова М.Н. Очеркҳо оид ба синтаксиси чумлаҳои соддаи насри асри Х1. –Душанбе: Ирфон, 2006.
26.Маҷидов Х. Фразеологияи забони адабии тоҷик. - Душанбе, 1982.
27.Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб, ҷилди 2. Забоншиносй. - Душанбе: Ирфон, 1980.
28.Маҷидов Х. Забони адабии муосири тоҷик, ҷилди 1.- Душанбе, 2007.
29.Истамова М. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). – Самарқанд, 2006
30.Мухторов З. Таърихи забони тоҷикй. Душанбе: Ҳумо, 2003. – 150 саҳ.
31.Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1975.
32.Герценберг Л.Г, Додихудоев Р.Х. Таърихи забони тоҷикй. – Душанбе, 1983.
33.Нурмонов А., Шаҳобиддинова Ш. в.б. Ўзбек тилининг назарий грамматикаси. Морфология. – Тошкент: «ХХ1 аср авлоди», 2001.
34.Ниёзмуҳаммадов Б., Рустамов Ш. Баъзе масъалаҳои синтаксиси забон адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1988.
35.Ниёзмуҳаммедов Б. Забоншиносии тоҷик (асарҳои мунтахаб). Душанбе: Ирфон, 1975.
36.Рустамов Ш. Исм. – Душанбе: Ирфон, 1977.
37.Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забонҳои адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе, Маориф, 1972.
38.Рустамов Ш. Ҳиссаҳои нутқ ва таснифоти онҳо. – Душанбе, 1999.
39.С.Саъдиев. Адабиёти тоҷик дар асри ХYII. Монография. -Душанбе: Дониш, 1985.
40.Каримов У. Адабиёти тоҷик дар асри XVI. -Душанбе: Дониш, 1985.
41.Саъдиев С. Сӯзанӣ ва муҳити адабии Самарқанди асри Х11, Душанбе: Дониш, 1974.
42.Ҳалимов С. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик. Васоити таълим (Аз давраи қадим то асри УШ). -Самарқанд,1985.
43.Ҳалимов С. Таърихи адабиёти мумтози тоҷик. (Давраи қадим). -Самарқанд, 2005.
44.Ҳалимов С. Адабиёти тоҷик дар асри Х (Васоити таълим). -Самарқанд, 1999.

45.Ҳалимов С. Таърихи адабиёти мумтози тоҷик (асрҳои 1Х-Х). -Самарқанд, 2005.
46.Ҳалимов С. Хусусиятҳои жанрии адабиёти тоҷик дар асри Х. Самарқанд, 1997.
47.Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1 (2). -Душанбе: Маориф, 1987.
48.Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 2. -Душанбе: Маориф, 1989.
49.Абдуллоев А. Адабиёти форс-тоҷик дар нимаи аввали асри Х1. – Душанбе: Дониш, 1979.
50.Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои Х11-Х1У. Қисми якум. – Душанбе: Дониш, 1976.
51.Абдуллоев А., Саъдиев С. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри Х1 ва асри Х11. – Душанбе: Ирфон, 1986.
52.Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷилди 2. – Теҳрон,1336.
53.Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 2. - Душанбе: Маориф, 1989.
54.Ҳамроев Ҷ. Таърихи танқиди адабии тоҷик. –Душанбе, 2006
55.Ҳодизода Р. Адабиёти тоҷик дар нимаи 11 асри Х1Х. -Душанбе, 1968.
56.Ҳодизода Р, Каримов У, Саъдиев С. Адабиёти тоҷик. Асрҳои ХУ1-Х1Х ва ибтидои асри ХХ. – Душанбе: Маориф, 1988.
57.Ҳодизода Р. Аҳмади Дониш. -Душанбе: Ирфон, 1976.
58.Раҷабӣ М. Ислом: ҷадидия ва инқилоб. – Душунбе: Дониш, 1997.
59.Қосимов Б., Юсупов Ш., Долимов У., Ризаев Ш., Ахмедов С. Миллий уйғониш даври ўзбек адабиёти-Тошкент: Маънавият, 2004.
60.Қосимов Б. Миллий уйғониш.-Тошкент, Маънавият, 2002.
61.Каримов Ғ. Ўзбек адабиёти таърихи. (XIX асрнинг иккинчи ярмидан XX аср бошларигача) 3 китоб. – Тошкент: Ўқитувчи, 1976.
62.Болтабоев Ҳ. Фитрат ва жадидчилик .-Тошкент, 2007.
63.Хўжақулов С. Ташаккули жанрҳои адабиёти маорифпарварӣ ва тачаддудхоҳии тоҷик. –Тошканд: Фан, 2008.
64.Бобоев Ю. Эстетика ва қадамҳои назму насри тоҷик. – Душанбе: Адиб, 1988.
65.Мусулмонқулов Р. Анъана ва навоварӣ. – Душанбе: УДТ, 1985.
66.Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990.
67.Самадов А. Муқаддимаи адабиётшиносӣ. – Самарқанд: нашри Университети давлатии Самарқанд, 2000.
68.Султон И. Адабиёт назарияси. – Тошкент: Ўқитувчи, 1980.
69.Умуров Х. Адабиёт назарияси: Ўқув қўлланма. – Самарқанд: СамДУ нашри, 2001.
70.Хализев В.Е. Теория литературы. Изд. второе. – Москва: Высшая школа, 2000.
71.Томашевский Б.В. Теория литературы. Поэтика: Учеб. пособие/Вступ. статья Н.Д. Тамарченко; Комм. С.Н. Бройтмана при участии Н.Д. Тамарченко. – М.: Аспект Пресс, 1999.
72.Отахонова Х. Падидаҳои навҷӯӣ. – Душанбе: Ирфон, 1972.

73.Отахонова Х. Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1983.
74.Давронов С. Омӯзиши вазни шеъри точикй. – Душанбе: Ирфон, 1989.
75.Миров Т., Хочаев Қ., Исломов Ш. Методикаи таълими адабиёти точик. Душанбе: Маориф,1991.
76.Миров Т. Таълиму таҳлили асарҳои лирикй- Душанбе: Маориф, 1992.
77.Истамова М. Методикаи таълими забони точикй. Қисми 1 –Самарқанд: Донишгоҳи давлатии Самарқанд, 2003.
78.Истамова М. Масъалаҳои муҳими таълими забони точикй дар синфҳои 5–9. Самарқанд, 2008.
79.Истамова М. Методикаи таълими забони точикй. қисми 2 (Синтаксис).– Самарқанд, 2010.
80.Истамова М., Адашуллоева Г. Методикаи таълими забони тоҷикӣ. (Дар асоси технологияи нави таълим). – Самарқанд, 2015.
81. Хочаев И. Методикаи мухтасари забони точикй. -Душанбе, 1995.

## МЕЗОНИ САНҶИШИ ДОНИШИ ДОВТАЛАБОН АЗ ФАНҲОИ МАХСУС БАРОИ ДОХИЛ ШУДАН БА МУТАХАССИСИИ МАГИСТРАТУРАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД

| **Шакли супоридани санҷиш** | Тест дар компютер |
|---|---|
| **Вақти барои кор кардани тест муқарраргардида** | 120 дақиқа |
| **Шумораи саволҳои тестӣ** | 50 |
| **Балли ҳар як ҷавоби дуруст** | 2 |
| **Балли максималӣ** | 100 |
| **Балли гузариш** | 55 |